***Виройишгари графикии CorelDraw.*** Виройишгари вектории **CorelDraw** маҳсули ширкати **Corel Corporation**-и Канада буда, ба мисли барномаи Photoshop имкониятҳои зиёди корбарӣ бо тасвирҳо, низоми тавонои омӯзишӣ ва ёрирасон дорад ва махзани бузурги тасвирҳои тайёр мебошад.

Барои самаранок истифода бурдани CorelDraw бояд интихобҳои он ба талаботҳои масъалаи ҳалшаванда ва завқи корбар мувофиқ кунонида шаванд. Дар ин барнома имкониятҳои батанзимории беҳамто мавҷуданд, ки онҳо CorelDraw-ро аз дигар барномаҳои графикӣ ба куллӣ фарқ мекунонанд. Танзими барнома ба воситаи силсилафармонҳои **Хизматгузорӣ► Интихобҳо** (Сервис►Параметры - Tools► Options) амалӣ гардонида мешавад.







Одатан танзими барнома аз танзими интихобҳои саросарии он оғоз меёбад. Дар қисми **Мудирияти рангҳо** (Управления цветами - Color Management) ҷузъҳои идории тарзҳои инъикоскунӣ ва табдилдиҳии рангҳои монитор, сканер, чопгар ва ғайра ҷойгир шудаанд. Бо ёрии ин ҷузъҳо рангсозии ин таҷҳизотҳоро ба танзим овардан мумкин аст.

Пас аз омодаи кор гаштани таҳриргари графики вектории **CorelDraw** дар экран равзанаи робитавии он пайдо мегардад, ки шакли он аз равзанаҳои дигар тахриргарони графикӣ ва замимаҳои Windows ягон фарқи ҷиддие надорад. Тавассути ин равзана корбар метавонад санади нав созад, ягон санади мавҷударо кушояд ва ё оид ба имкониятҳои таҳриргар маълумот гирад. Равзана дорои ҷузъҳои зерин мебошад:

- ✓ **Сатри сарлавҳа** – дар он номи барнома ва санади ҷорӣ инъикос мегардад. Дар тарафи рости он се тугмаи идории андозаи равзанаи барнома ҷойгиранд.

- ✓ **Сатри меню** – аз миқдори гуногуни бандҳои бозшаванда иборат аст, ки дар онҳо тибқи меъёрҳои муайян фармонҳои зарурӣ муттаҳид гаштаанд. Дар тарафи рости он се тугмаи идории андозаи равзанаи санади ҷорӣ ҷойгиранд.
- ✓ **Лавҳаи стандартӣ** – аз маҷмӯи тугмаҳои экранӣ иборат аст, ки онҳо бо санад фармонҳои стандартиро (сохтан, кушодан, нусха бардоштан, ҷогузорӣ кардан ва ғайра) иҷро менамоянд.
- ✓ **Лавҳаи хосиятҳо** – аз маҷмӯи тугмаҳои экрании намудор ва нестшаванда (вобаста ба амали корбар) иборат мебошад. Дар лаҳзаи дилхоҳи вазъи ҷорӣ дар ин лавҳа афзорҳои аз ҳама зарурӣ пайдо мешаванд.
- ✓ **Майдони кории барнома** – соҳаест, ки ҳамаи амалиёти бо объекти графикӣ иҷрошавандаро корбар дар он ҷо амалӣ мегардонад. Дар маркази он варақи коғази расмкашӣ ҷойгир аст. Тасмаҳои тобдиҳӣ ва хаткашҳои ченкунӣ барои корбурди тасвир хизмат мерасонанд. Маҷмааи рангии барнома дар тарафи рости майдон ҷойгир аст. Санади таҳиригари CorelDRAW метавонад аз миқдори гуногуни саҳифаҳо иборат бошад. Барои аз як саҳифа ба дигар саҳифа гузаштан, тамғачаҳои (ярликча) ин саҳифаҳо хизмат мерасонанд, ки онҳо дар қисми поёнии майдон ҷойгир шудаанд.
- ✓ **Лавҳаи афзорҳо** – аз маҷмӯи тугмаҳои экранӣ иборат мебошад, ки ҳар кадомашон ягон афзори корбурди варақи кориро ифода менамояд. Одатан ин лавҳа дар тарафи чапи майдони кории барнома ҷойгир аст.
- ✓ **Сатри ҳолатнамо** – барои инъикоси маълумотҳои хидматрасон пешбинӣ шудааст.

Афзорҳои асосӣ ва таъйиноти онҳо дар ҷадвали поёнӣ оварда шудааст. Тавре аз ҷадвал дида мешавад, афзорҳои асосии кории CorelDraw-ро шаклҳои гуногуни геометрӣ - росткунҷаҳо, эллипсҳо, бисёркунчаҳо ва хатҳои рост ташкил медиҳанд. Расмҳои нисбатан мураккаб ва шавқоварро бо ёрии хатҳои каҷ сохтан мумкин аст. Аммо бо ёрии муш - «дастӣ» кашидани тасвирҳо, шакли зарурӣ ва дилхоҳро таъмин карда наметавонад. Аз ин рӯ, CorelDraw имкониятҳои гуногуни таҳриркунии хаткаҷҳоро пешниҳод менамояд, ки тавассути онҳо тарҳи тасвири пешакӣ сохташударо ба ғояти камол расонидан мумкин аст.

Роҳҳои гуногуни рангкунии расмҳо яке аз хусусиятҳои муҳими барномаро ташкил медиҳанд. Истифодаи пайдарпайи якчанд гузаришҳои рангӣ, нақшу нигорӣ ва сохторӣ имконият фароҳам меоваранд, ки расмҳои мукаммал офарида шаванд.

Дар ин росто, бахусус татбиқи тақвиятсозиҳои рангии CorelDraw диққатҷалбкунанда мебошад. Масалан, тақвияти **Фишурдан** (Выдавливание - Extrude) ба объекти ҳамвор шакли ҳаҷмӣ бахшида, тақвияти **Қабат** (Оболочка - Envelope) шакли объектро чунон тағйир медиҳад, ки он бо хатҳои сарҳадии **қабат** мутобиқ гардонида шавад.

Воситаҳои корбарӣ бо матнҳо боз яке аз хосиятҳои муҳими барномаро муаррифӣ менамояд. Масалан, навиштаҷот ё сарлавҳаро каҷ кардан, тоб додан ё дар хаткаҷи дилхоҳ ҷойгир кардан амалҳои муқаррарии CorelDraw ба шумор мераванд. Ба ғайр аз ин, шакли

ҳарфҳои алоҳидаи матнро тағйир додан, микёсгирӣ кардан, тоб додан ва ҷойгузини онҳо низ хеле осон иҷро карда мешаванд.

Ба расмҳои CorelDraw натанҳо тасвирҳои растриро илова кардан мумкин аст, балки андозаи онҳоро тағйир додан, расмбуриҳои шаклиро амалӣ гардонидан ва расмҳоро дар чорчӯбаҳо ҷойгир кунондан, қисме аз амалиётҳои одии ин виройишгар мебошанд.

## Саволҳо:

1. Таҳриргари графикии Adobe Photoshop барои коркарди кадом намуди тасвирҳо пешбинӣ шудааст?

| АФЗОР | ВАЗИФАИ АФЗОР |
|---|---|
|  | Тирча - интихоб ё ҳаракати объект |
| | Гиреҳ - таҳрири шакли объект |
| | Пурбин - микёсгирии тасвир |
| | Қалам - сохтани хатҳои рост ва каҷ |
| | Расмкашӣ |
| | Росткунҷа – сохтани объектҳои росткунҷа |
| | Эллипс - сохтани объектҳои гирд ва тухмшакл |
| | Бисёркунҷа - сохтани бисёркунҷа ва ҷадвал |
| | Сохтани объекти шакли додашуда |
| | Матн – навиштан ва таҳрири матн |
| | Гузариши интерактивии байни объектҳо |
| | Нусхабардории ранги объект |
| | Абрис – тағйирдиҳии хатҳои сарҳадии объектҳо |
| | Тағйирдиҳии параметрҳои рангрезӣ |
| | Рангрезии интерактивӣ - рангпошӣ |

2. Вазифаи аввалиндараҷаи Photoshop аз чӣ иборат аст?
3. Равзанаи кории Photoshop аз кадом ҷузъҳо иборат аст?
4. Вазифаи лавҳаи хосияти афзорҳои Photoshop аз чӣ иборат аст?
5. Чаро ҳангоми баҳодиҳӣ ба сифати тасвирсозии барномаҳои графики растрӣ арзиши онҳо бо Photoshop муқоиса карда мешавад?
6. Ба тасвирҳои растрӣ расмҳои бо ёрии кадом таҷҳизотҳо сохташуда дохил мешаванд?
7. Табдилгар чист?
8. Чӣ тавр Photoshop бо аксарият форматҳои парвандаҳои графикӣ кор карда метавонад?
9. Ретуш чӣ гуна амал аст?

10. Виройишгари вектории CorelDraw чӣ гуна таҳриргар аст?
11. Кадом имкониятҳои CorelDraw-ро медонед?
12. Ба воситаи **Мудирияти рангҳои CorelDraw** рангсозии кадом таҷҳизотҳоро ба танзим овардан мумкин аст?
13. Тавассути равзанаи CorelDraw кадом амалҳоро анҷом додан мумкин аст?
14. Оё шумо афзорҳои асосии CorelDraw-ро номбар карда метавонед?
15. Расмҳои мураккабро тавассути кадом афзорҳои CorelDraw сохтан мумкин аст?
16. Тақвиятсозиҳои рангии CorelDraw барои иҷрои кадом амалҳо истифода мешаванд?
17. Тақвияти фишурдан ба объект чӣ гуна хосият мебахшад? Тақвияти қабат чӣ?
18. Дар CorelDraw бо матнҳо кадом амалҳоро анҷом додан мумкин аст?
19. Оё ба расмҳои CorelDraw тасвирҳои растриро илова кардан мумкин аст? Чӣ тавр?